# ХУЛОСАИ
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон**

Парвандаи аттестатсионии № ____
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 6-уми майи соли 2021, № 33**

Барои сазовор донистани Қодирова Фирӯза Рустамовна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисос.

Диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология 14-уми январи соли 2021 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Қодирова Фирӯза Рустамовна 1-уми сентябри соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети филологияи тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро бо дипломи дараҷаи бакалавр, ихтисоси омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 2013-2015 дар бахши магистратураи донишгоҳи мазкур таҳсил намуда, соҳиби дипломи аълои дараҷаи магистрӣ гардидааст.

Солҳои 2016-2019 докторант (Phd)-и кафедраи забони тоҷикии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» буда, кори диссертатсиониашро дар кафедраи мазкур ба анҷом расонидааст.

**Роҳбари илмӣ** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ходими калони илмии Институти илмӣ-тадкиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Ғиёсов Нурулло Исматович мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Қосимов Олимҷон Ҳабибович** – доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино»

**2. Неъматзода Фархунда Турсунбоевна** – номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи лингвистикаи Филиали «Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов» дар шаҳри Душанбе.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ дар тақризи мусбат, ки бо имзоҳои раиси ҷаласа, мудири шуъбаи забони Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АМИТ, номзади илмҳои филологӣ Мирзоев Сайфиддин ва директори ин муассиса, номзади илмҳои филологӣ, Шарифзода Б. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Қодирова Фирӯза Рустамовна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои луғавӣ-маъноии**

**«Ҷаҳоннома»-и Муҳаммади Бакрон»** ба талаботи корҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ва навоварона мебошад. Муҳаққиқ моҳияти мавзӯъ, вазифаҳои таҳқиқот ва масъалаҳои матраҳшударо дуруст дарк намуда, дар асоси усулу методҳои лингвистӣ омӯзиш ва баррасии онро бо услуби хуби илмӣ арзёбӣ кардааст, натиҷагирӣ дар ҳар боб қобили таваҷҷуҳ мебошад ва муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор аст.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Вобаста ба мавзӯи диссертатсия муаллиф 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин миқдор 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзӯи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Қодирова Ф. Мулоҳизаҳо роҷеъ ба як асари ҷуғрофии қарни XIII / Ф.Қодирова // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. - №3 (52). – С. 200-205.
2. Қодирова Ф. Муродифот дар забони адабии асри XIII / Ф.Қодирова // Ахбори академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2018. - №3 (251). – С. 192-197.
3. Қодирова Ф. Хусусиятҳои корбасти вожаҳои зидмаъно дар як асари ҷуғрофӣ / Ф.Қодирова // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд: Дабир, 2018. - №3 (76). – С. 135-42.
4. Giyosov N. Some Views Concerned with the Vocabulary (Stock of Word) of "Jahon-Name" / N.Giyosov, F.Kodirova //Bulletin of TSULBP. – Khujand: Dabir, 2020. - №1 (82). – pp.134-142. (Ғиёсов, Н. Назаре ба таркиби луғавии "Ҷаҳоннома" [Матн] / Н.Ғиёсов, Ф.Қодирова // Ахбори ДДҲБСТ. – Хуҷанд: Дабир, 2020. -№1 (82). – С. 134-142.

**Таълифоти муаллиф дар маҷмӯаҳои илмӣ ва нашрияҳои дигар:**

5. Қодирова Ф. "Ҷаҳоннома" ва муҳаққиқони нусхаҳои он / Ф.Қодирова / Раҳоварди олимони ҷавон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 119-126.

6. Қодирова Ф. Ономастикаи забони форсӣ-тоҷикии охири қарни XII ва ибтидои XIII / Ф.Қодирова / Армуғони наврохони илм. –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. – С. 305-313
7. Қодирова Ф. Гидроним ва ойконимҳо дар «Ҷаҳоннома» / Ф.Қодирова / Дастовардҳои олимони ҷавон. Маҷмӯаи мақолаҳои илмии конференсияи анъанавии вилоятӣ бахшида ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2017. – С. 209-215.
8. Қодирова Ф. Вожаҳои ғайрифаъол дар «Ҷаҳоннома» / Ф.Қодирова // Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ, -№3 (15). – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 82-89.
9. Қодирова Ф. Муқоисаи истилоҳоти муштарак дар матнҳои «Ҷаҳоннома» ва «Ҳудуд-ул-олам» / Ф.Қодирова / Забон ва рукни он. Маҷмӯи мақолаҳо (Маводи конференсияи илмию амалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бахшида ба 30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рӯзи байналмилалии забони модарӣ, Хуҷанд, 21.02.2020). – Хуҷанд: Дабир, 2020. – С. 165-174.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. Тақризи мусбати доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шокиров Туғрал пешниҳод гардидааст, ки дар он таҳқиқоти муаллиф кори илмии баанҷомрасида зикр гардидааст. Муқарриз баробари зикри комёбиву дастовардҳо баислоҳи баъзе иштибоҳи унвонҷӯ ишора мекунад: 1) Дар банди “Омӯхта шудани дараҷаи мавзӯъ” принсипи интихоби таҳқиқоти пешин равшан нест; 2) Барои тасдиқи сухан аз китоби мавриди таҳқиқ, асосан, калимаҳо оварда шудаанд. Аз ҷумла, якчанд калимаҳо (даст, сурат, азим, андохтан) бидуни далелорӣ сермаъно номбар шудаанд. Хуб мешуд, ки гуфтаҳои унвонҷӯ бо зикри ҷумлаҳо собит гарданд.

2. Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд – Давлятова Чинорой натиҷаҳои таҳқиқоти илмии унвонҷӯ мусбат арзёбӣ шудааст. Муқарриз баробари муваффақияту дастовардҳо дар тақриз баъзе камбудиҳоро зикр мекунад. Аз ҷумла: 1) Хуб мешуд, ки дар муқаддима навгониҳои таҳқиқот тавассути рақамгузорӣ мушаххасан нишон дода шаванд; 2) Аз ҷониби муаллифи диссертатсия дар ҷараёни далелорӣ на ҳамеша таносуб риоя гардидааст.

3. Такризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода – Насруллоев Муҳаммад, ки кори муҳаққиқро мусбат дониста, барои беҳтар гардидани сифати кор чунин нуктаҳоро пешниҳод кардааст: 1) Беҳтар мешуд, ки калимаҳои аслии кӯҳнашуда ва адабӣ-китобӣ бо зикри мисол (ҷумлаҳо аз асари мавриди таҳқиқ) муфассалтар мавриди таҳлил қарор дода шаванд; 2) Дар фишурдаи рисола чанд ғалатҳои имлоиву китобатӣ ба мушоҳида мерасанд.

4. Дар тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Ҷаҳонгири Рустамшоҳ пажӯҳиши унвонҷӯ кори илмии анҷомёфта арзёбӣ гардида, баҳои мусбат дода шудааст. Муқарриз эрод гирифтааст, ки дар рисола ҳамгунии истилоҳот ба назар намерасад, чун «калимаҳои ҳамшакл», «омонимҳо»; «калимаҳои зидмаъно», «антонимҳо», «вожаҳои муқобилмаъно» ва ғайра.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳамияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология сазовор донистаанд.

**Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд**, ки докторант (Phd) Қодирова Фирӯза Рустамовна бо истифода аз назарияҳои маъмул ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии расмшуда дар мисоли як асари ҷуғрофӣ ба таҳлилу таҳқиқ ва инъикоси манзараи таркиби луғавии забони адабии асри XIII пардохта, кори илмии аз нигоҳи забоншиносӣ арзишмандро ба анҷом расонидааст. Масъалаи мазкур дар асоси матни яке аз сарчашмаҳои муътамади аз назарҳо дурмонда – «Ҷаҳоннома»-и Муҳаммад ибни Наҷиби Бакрон **таҳқиқ шудааст**.

Равшан намудани таркиби луғавии забони форсӣ-тоҷикии асри XIII ба туфайли лексикаи пурғановати «Ҷаҳоннома», аз манбаъҳои луғату истилоҳоти даврони гузашта ба шумор рафтани асар, аз ҷумла бо фаровонии луғоти аслӣ ва мавқеи назарраси вожаҳои иқтибосии арабӣ таркиби луғавии асари мавриди таҳқиқ чун хазинаи пурҷавоҳир маҳсуб шудан, бойигарии ҳам забони асар ва ҳам забони тоҷикии асри XIII-ро нишон додани гуногунрангии маъноии таркиби луғавии «Ҷаҳоннома», аз унсурҳои ҷолиб ва зеббахши забони асар будани калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъно, ки хеле нуктасанҷонаву мавридшиносона истифода гардидаанд, нақши асосӣ доштани онимҳо (800 адад) дар таркиби луғавии «Ҷаҳоннома», махсусан, топонимия ва зершохаҳои он, ки маҷмӯан зиёда аз 600 ададро ташкил медиҳанд, бо кӯшиши саҳеҳгардонии забони асар саҳмгузор будани муаллиф – Муҳаммади Бакрон дар риштаи забоншиносӣ: истифодаи унсурҳои луғавии оммафаҳм, таъкиди асл ё шеваи дурусти талаффуз ва навишти калима, аз зикри маънӣ холӣ намондани унсурҳои гуногуни луғавӣ,

қайди мансубияти забонии вожаҳо, баёни иштибоҳоти ошкору маҷҳул, шарҳу эҳтимоли пайдоиши номҳо, зикри ихтилофи номи мавзеъҳо дар забони китобат ва муҳовара чун нуктаҳои асосии ҳимояшаванда **пешниҳод шудаанд.**

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик як идда осори насрии таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ, аз он ҷумла «Ҳудуд-ул-олам», «Таърихи Сиистон», «Аҷоиб-ул-махлуқот ва ғароиб-ул-мавҷудот», «Таърихи Бадахшон», «Таърихи Табарӣ», «Таърихи Байҳақӣ», «Кашф-ул-махҷуб», «Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод», «Масолик ва мамолик», «Донишнома», «Қобуснома», «Сафарнома», «Футувватномаи султонӣ», «Гулистон» ва ғ. таълиф шудаанд, ки ағлаб мавриди таҳлилу таҳқиқи забонӣ қарор гирифтаанд. Яке аз намунаҳои насри таърихӣ-ҷуғрофии асри XIII – «Ҷаҳоннома» ба шумор меравад, ки баробари хусусияту арзишҳои илмӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ ва бадеӣ, инъикосгари забони адабии асри XIII аст. Азбаски омӯзишу инъикоси вазъи забони тоҷикӣ дар асри XIII аз мавзӯи камтаҳқиқ ва масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир аст, муаллифи диссертатсия кӯшидааст, ки тамоми хусусиятҳои лексикии даврро дар мисоли як асари насрӣ нишон диҳад. Ба ин васила ҳам асар ва ҳам забонаш муаррифӣ мегардад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** дар диссертатсия ба сифати нахустин пажӯҳиш ва баррасии муфассали илмӣ хусусияту аҳамияти забони «Ҷаҳоннома» – истифодаи бойигарии таркиби луғавии забони давр (асри XIII), омор, тарзу усул ва мавридҳои корбасти вожаҳо нишон дода шудааст. Арзиши назариявии рисола ва арзёбии масоили таҳқиқот инчунин дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф дар рисола бори нахуст мавқеи вожаҳои аслию иқтибосӣ, категорияҳои луғавӣ-маъноӣ, онимҳо ва дигар унсурҳои луғавиро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзӯъ осори илмиву назарии муҳаққиқони барҷастаи хориҷиву ватанӣ, аз қабили В.В. Виноградов, Н.М. Шанский, В.С. Расторгуева, А.А. Реформатский, А.Л. Хромов, А.В. Суперанская, В.А. Никонов, П.Н. Хонларӣ, М.Баҳор, М.Шакурӣ, Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Рустамов, М.Қосимова, Д.Саймиддинов, С.Назарзода, Н.Маъсумӣ, Б.Камолиддинов, Р.Ғаффоров, Ҳ.Маҷидов, С.Ҳалимов, Т.Зеҳнӣ, Қ.Тоҳирова, Д.Хоҷаев, С.Сулаймонов, А.Ҳасанзода, О.Қосимов, Н.Ғиёсов, О.Ғафуров, Ш.Ҳайдарӣ ва дигарон дар ҳалли бисёр масоили назарӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия аз методҳои диахронӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ ва оморӣ **истифода шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** мундариҷаи диссертатсияро чун маводи омӯзишӣ ҳангоми таълифи китобҳои дарсии мактабҳои миёна ва олӣ, асарҳои илмӣ ва дастурҳои таълимӣ метавон истифода кард. Дар баробари ин, диссертатсия дар таълими фанҳои таърихи забони тоҷикӣ-форсӣ, лексикология, лексикологияи таърихӣ,

номшиносӣ, курс ва семинарҳои тахассусӣ, таълифи корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ ба устодону донишҷӯён ва магистрантону аспирантони факултетҳои филологию рӯзноманигорӣ ёрӣ расонда метавонад.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ **асоснок карда шудааст.**

Дар ҷараёни омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ хусусиятҳои баромади калимаҳои таркиби асар – аслию иқтибосӣ, категорияҳои луғавӣ-маъноӣ – калимаҳои сермаъно, ҳамшакл, ҳаммаъно ва зидмаъно, вожаҳои марбут ба шохаҳои ономастика, ҳамчунин, бо инъикоси вижагиҳои забонии асар саҳми муаллиф – Муҳаммади Бакрон дар риштаи забоншиносӣ **муайян шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар муддати 5 сол ба ҷамъоварии маводи илмӣ, омӯзиши адабиёти назариявӣ, таснифи маводи гирдовардашуда ва навиштани кори илмӣ машғул гардида, дар ин самт мақолаҳо таълиф намуда, дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ суханронӣ кардааст.

Унвонҷӯ муаллифи зиёда аз 30 мақолаи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ мебошад, ки аз ҷумла 4 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2021 дар бораи ба Қодирова Фирӯза Рустамовна додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯйи ихтисос қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 16 нафар иштирок доштанд, аз инҳо 11 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология.

Дар овоздиҳӣ 16 нафар иштирок намуд. Аз 21 нафар аъзои ба ҳайати Шӯрои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор –16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шӯрои
диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои
диссертатсионӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ *